# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Алимардонов Бобохон дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02- Таърихи ватанӣ ) Душанбе, 2024.**

Диссертатсияи номзадии Алимардонов Бобохон дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) дар мавзуи рузмарра навишта шуда, муаллиф зимни навиштани диссертатсия аз методҳои илмии таҳқиқоти таърихӣ васеъ истифода бурдааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти мазкур аз маводи бойгонии давлатии таърихи навтарини Тоҷикистон, бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии вилояти Хатлон, бойгониҳои ҷории ноҳияҳои Ҷайҳун, Қубодиён, Шаҳритус, Дӯстӣ, Панҷ, Фархор, Ҳамадонӣ, Шоҳин, маводи оморӣ, нашрияҳои даврӣ, маводи дастгоҳи марказии энергетика ва электрикунонии ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи тресги «Хатлонбарқ бунёд», маводи ҳисоботии шабакаи барқии ноҳияҳои ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ, маводи амалӣ барои омодасозии мутахассисон дар соҳаҳои энергетика барои вилояти Хатлон ва минтақаҳои ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ истифода намудааст.Ғайр аз маводи бойгониҳои номбаршуда диссертант иловатан аз маводҳои муҳаққиқӣ, матбуот ва ғайра истифода шудаанд.

Мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти мазкур ба раванди омӯзиши омилҳо ва сабабҳои ниёзмандӣ ба қувваи барқ дар кишвар ва минтақа, ташхиси имкониятҳои бузурги энергетикӣ ва роҳҳои ҳалли масъалаи марбут ба истифодаи самарабахши захираҳои обӣ - энергетикӣ вобаста аст.

Ҳамин тавр, таҳқиқи имкониятҳо ва захираҳои гидроэнергетикии ҷумҳурӣ, натиҷагирӣ аз дастовардҳои пешинаи соҳа, таҳлили таҷрибаи таърихии истифодаи имкониятҳои гидроэнергетикӣ ва пешниҳоди хулосаҳои асосноки илмӣ барои рушди воситаҳои истифодабарии

захираҳои энергетикӣ хеле муҳим буда, ҳамчунин дорои аҳаммияти илмию амалӣ мебошад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи номзадии Алимардонов Бобохон дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02- Таърихи ватанӣ ) мебошад.


Муқарриз: н.и.т., мудири
кафедраи таърихи умумии
Донишгоҳи давлатии Данғара Алишери А.

Суроға: 735320, н. Данғара, к. Марказӣ, 25.
Телефон: +992 909.00.03.06
a.amirkhon@mail.ru


Имзои мудири кафедраи таърихи умумии
Донишгоҳи давлатии Данғара-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДД Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА * ШУЪБАИ КАДРҲО

10.06.24.